**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-122-и назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30.06.2026, №9

Барои сазовор донистани Салимзода Муҳайё Абдусалим, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-122-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, тахти №84/шд) 24-уми апрели соли 2026, протоколи №5 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Салимзода Муҳайё Абдусалим 12-уми октябри соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Салимзода Муҳайё Абдусалим соли 2019 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси мероси хаттӣ хатм кардааст.

Солҳои 2021-2024 дар шуъбаи омоданамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филология таҳсил кардааст. Аз соли 2019 то ин замон ба ҳайси мудири толори Ганҷинаи ба номи профессор Шарифҷон Ҳусейнзода фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мисбоҳиддини Нарзиқул.

**Муқарризони расмӣ**: **Қурбонзода Рухшона Қурбон**, доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Маликова Анзурат Садуллоевна**, номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба

номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт, доктори илмҳои филологӣ, профессор Салими Хатлонӣ, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Шамсов Нурмад Сироҷович, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Боев Шавкат Элмуродович ва имзою муҳри ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо дар соҳаи адабиётшиносӣ шинохта шудаанд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводди нашршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Бозорова (Салимзода), М.А. Садриддин Айнӣ дар бораи Абдулқодирхоҷаи Савдо ва эҷодиёти ӯ / М.А. Бозорова (Салимзода) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №10. – С. 306-312.

[2-М]. Бозорова (Салимзода), М.А. Тавсифи кодикологии “Баёз”-и Абдулқодирхоҷаи Савдо / М.А. Бозорова (Салимзода) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – №3. – С. 240-246.

[3-М]. Нарзиқул, М., Бозорова (Салимзода), М.А. Шеърҳои Савдо дар тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX / М. Нарзиқул, М.А. Бозорова (Салимзода) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – №4. – С. 164-174.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[4-М]. Бозорова (Салимзода), М. Авзони ғазалиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо / М. Бозорова (Салимзода) // Маводди ҳамоиши байналмилалии «Вазни аруз ва таҳаввули он дар шеъри форсии тоҷикӣ» бахшида ба 80-солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Урватулло Тоиров (Душанбе, 2022). – Душанбе: ҶДММ «Нӯшбод», 2022. – С. 217-223.

[5-М]. Бозорова (Салимзода), М.А. Хусусиятҳои китобшиносӣ ва нусхашиносии «Баёз»-и Савдо [Матн] / М.А. Бозорова (Салимзода) // Масъалаҳои муҳимми ҳифзу таҳқиқи мероси хаттии Тоҷикистон. Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ бахшида ба 80-солагии Сайиднуриддин Шаҳобуддинов (Душанбе, 2025). – Душанбе, 2025. – С. 205-220.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Ӯрунова Мавҷуда Рустамовна** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант се эрод манзур шудааст:

1. Дар саҳифаҳои 5, 8, 9, 15, 16 ва 33 хатоҳои имлоӣ ба назар мерасанд, мисли «афузун», «таркибанд» ва ғайра.

2. Дар саҳифаҳои 6, 24, 25, 27 ва ғайра ба хатоҳои китобӣ роҳ дода шудааст, монанди «50 солагӣ», «асри XIX-ибтидои...» ва ҳоказо.

3. Муъҷазтар намудани қисмати «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ» ба мақсад мувофиқ аст.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Аҳмадов Сафармад Гадомадович** низ

мусбат буда, дар радифи ёдоварӣ аз муваффақиятҳои диссертант эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Бо он ки услуби нигориши автореферат хеле хуб аст, дар он кам бошад ҳам, баъзе ғалатҳои услубӣ низ мушоҳида мешаванд. Барои мисол, дар ҷумлаи зерин таркиби «ва баъзе асарҳои дигарашон» бо дигар қисматҳои ҷумла пайванди устувори мантиқӣ надорад: «Баъзе муҳаққиқони тоҷик, ба монанди Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев, Н. Сайфиев, А. Ҳабибов, С. Амирқулов, Х. Асозода, С. Хӯҷақулов, М. Мирзоюнус ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои марбут ба адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва баъзе асарҳои дигарашон оид ба вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии замони Савдо ба таври умумӣ ва перомуни ҳаёт ва эҷодиёти шоир ба таври ҷудогона ва фарогиртар дахл кардаанд» (автореферат, саҳ. 5).

2. Дар саҳифаҳои алоҳидаи автореферати диссертатсия ва матни русии он баъзе ғалатҳои имлоию техникӣ ба чашм мерасанд.

**3. Тақризи** доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Шамшоди Ҷамшед,** дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба камбудиҳои зерини автореферат ишора шудааст:

1. Мубрамии мавзуи таҳқиқ нисбатан мухтасар баён гардидааст. Хуб мешуд, агар муаллиф зарурати омӯзиши мавзуъ ва аҳаммияти онро барои адабиётшиносии муосири тоҷик бо тавзеҳоти бештар асоснок менамуд (саҳ. 3).

2. Дар саҳифаҳои 14-15-и автореферат ҳангоми баррасии масъалаи соли таваллуди Абудқодирхоҷаи Савдо андешаҳои муҳаққиқон оварда шудаанд, аммо мавқеи ниҳоии муаллиф нисбат ба баъзе ихтилофи назарҳо маҳдудтар ба назар мерасад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Салимзода Муҳайё Абдусалим бо истифода аз равишҳои таҳқиқи осори адабӣ ба омӯзишу баррасии ахбори тазкираҳо, дигар сарчашмаҳои адабӣ ва маълумоти муҳаққиқони муосир оид ба рӯзгору осори Абдулқодирхоҷаи Савдо пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси асарҳои Абдулқодирхоҷаи Савдо, хусусан, «Баёз»-и ӯ, ҳамчунин, «Баёз»-и Муҳаммадшарифи Бухороӣ ва дигар тазкираю асарҳои адабию таърихии охири асри XIX ва ибтидои асри XX анҷом шудааст. Асару нашрҳои мазкур дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**

– басомади зикри шеърҳои Абдулқодирхоҷаи Савдо дар тазкираҳои охири асри XIX-ибтидои асри XX ва дигар сарчашмаҳои адабию таърихӣ **муайян карда шудаанд;**
– мансубияти жанрии ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо матраҳ гардида, таснифи онҳо ба анвои адабии лирикии ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа ва дигар анвои шеърӣ **сурат гирифтааст;**
– «Баёз»-и Савдо аз ҷиҳати хусусиятҳои нусхашиносӣ ва сохту таркиб таҳқиқ гардида, арзиши он ҳамчун сарчашмаи адабӣ дар омӯзиши рӯзгору осори намояндагони доираи адабии нимаи дуюми асри XIX Бухоро **таъин карда шудааст;**
– ба омӯзишу таҳқиқи асарҳои мансури Абдулқодирхоҷаи Савдо аз назари сохтори жанрӣ ва муҳтавоӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир шуда, ҳунари нависандагии ӯ **нишон дода шудааст;**
– масъалаҳои марбут ба мавзуъ, муҳтаво ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо **баррасӣ гардида**, вежагиҳои асосии забон ва сабки баёни шоир **таъин гардидаанд;**
– авзону қофияву радиф ва сохтору устухонбандии онҳо **таъин гардида,** дар умум, накш ва саҳми назаррас доштани шоир дар рушди адабиёти доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX **собит шудааст.**

**Аҳаммияти назарии** диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар он зоҳир меёбад, ки ин кори таҳқиқӣ дар омӯзишу пажуҳиши масъалаҳои дигари эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо, асарҳои манзуму мансури адибони ҳамзамони шоир, таъин намудани хусусиятҳои жанрию муҳтавоӣ, забонию сабкӣ ва ҳунари шоирии онҳо мусоидат карда метавонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла С. Айнӣ, А.М. Мирзоев, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, У. Каримов, А. Абибов, Н. Сайфиев, Т. Неъматзода, Х. Шарифов, Р. Мусулмониён, С. Амирқулов, У. Тоиров, Х. Асозода, М. Солеҳов, М. Мирзоюнус, Б. Мақсудзода, М. Нарзиқул, М.З. Низомӣ, И.С. Брагинский, М.М. Бахтин, А.Н. Веселовский, С.Н. Зенкин, Ю.М. Лотман, П.Н. Хонларӣ, С. Нафисӣ, А.Ҳ. Обидӣ, Ш. Кадканӣ, С. Шамисо ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз равишҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, матншиносӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори осори адабӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои суратгирифта, натиҷаҳои ҳосилшуда ва равишҳои таҳқиқии истифодакардаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажуҳишҳо оид ба рӯзгору осор, вежагиҳои ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо ва масоили марбут ба таҳаввули анвои адабӣ дар адабиёти давраи мазкур метавон истифода кард. Маводди диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои омӯхтанашудаи таърихи адабиёти тоҷик, махсусан, ҳангоми таҳқиқи жанрҳои адабӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Ба маводди таҳқиқии манзуршуда ҳангоми таълифи фаслҳои гуногуни китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷик ва дастурҳои таълимӣ, ҳамчунин, мақолаву рисолаҳои илмӣ метавон такя кард. Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада барои донишҷӯёну магистрантҳои ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷик, ҳамчунин, мероси хаттӣ зимни таълифи корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва магистрӣ метавонад ёрӣ расонад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва таҳқиқи осори назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дар диссертатсия масъалаи омӯзишу пажуҳиши зиндагинома ва мероси адабии Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ба ин восита мушаххас сохтани ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX инъикос менамояд. Дар адабиётшиносии тоҷик бо мақсади мушаххас: муайян кардани ҷойгоҳи Абдулқодирхоҷаи Савдо дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX масоили зиндагинома, мероси адабӣ, таъини хусусиятҳои нусхашиносию матншиносии «Баёз»-и ӯ, мундариҷаи ғоявӣ, бадеӣ ва хусусиятҳои сабкию сохтории ашъори шоир дар шакли таҳқиқи комили илмӣ нахустин бор пажуҳиш мешавад.

Муаллиф бо истифода аз равишҳои илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи масъалаҳои адабиётшиносӣ, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-122-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2026 дар бораи сазовор донистани Салимзода Муҳайё Абдусалим ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №84/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ иштирок доштанд.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҳмонзода А.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.

30.06.2026.